Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

ба автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе 2024. – 27 саҳ.).

Новобаста аз он, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «экстремизми иттилоотӣ» ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ мустақар нашудааст, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми мазкур алакай ҳукмфармо буда, дар доираи моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну моҳияти он ба таври возеҳу равшан инъикос ёфтаанд ва табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин падидаи хавфнокии ҷамъиятии замони муосир дар доираи автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо хеле хуб тавсиф ёфтаанд. Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо фарогири масоили мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба аломатҳои таркиби ҷинояти экстремизми иттилоотӣ буда, дар он андешаҳои судманд ва асоснок баҳри такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

Бешак, дар замони рушди босуръати технологияи муосири иттилоотӣ, ташкилкунандагон ва аъзоёни фаъоли ташкилоти экстремистӣ чунин технологияҳоро дар содир кардани амалҳои экстремистӣ бо таври фаррох истифода бурда, хавфу хатарҳои ин падидаи номатлубро барои ҷомеа ва давлат хеле афзун месозанд. Новобаста аз он, ки дар даҳсолаи охир мавзуи муқовимат ба экстремизм мавриди таҳқиқоти сершумори илмӣ қарор дода шудааст, масъалаи мазкур ҳамоно мубрам ва ҳалталаб боқӣ мемонад, зеро экстремизми

муосир рӯз аз рӯз дар шаклу симои нав зуҳур карда, тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳазорҳо ҷавонони ноогоҳро хатарзо гардонида, аъмоли онҳоро ба муқобили фарҳангу суннатҳои миллӣ, сохти конститутсионӣ ва суботи байналмилалӣ равона сохта истодааст.

Чунин раванди номатлуб на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми давлатҳои пасошуравӣ рӯ ба афзоиш аст. Новобаста ба ин, таҳқиқоти илмии мукаммал ва фарогири ҷанбаҳои аз нуктаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсбарангез хеле кам ба назар мерасанд. Чунин раванд, пеш аз ҳама аз он шаҳодат медиҳад, ки дар фазои илмӣ вобаста ба аломатҳои такиби ҷинояти экстремизми иттилоотӣ равиши ягона ва бо таври умум эътирофгардида то айни замон мавҷуд нест ва рушди воситаҳои муосири телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет дар асри XXI табиати экстремизми иттилоотиро хеле мураккаб ва хатарноктар гардонида истодааст.

Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмии ватанӣ вобаста ба мавзуи мазкур маҳсуб меёбад, ки бо забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Инчунин, бори аввал таҳлили табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ, ки хусусияти байнифаннии падидаи мазкурро дар бар мегирад, хеле ҳадафмандона мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Зеро барои муайян намудани табиати ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ даст задан ба омӯзиши донишҳои зарурӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи маданӣ, психология ва ғайра амри воқеист. Аз ин лиҳоз, ҷуръати муаллиф дар омӯзиши комплексии ин падидаи хеле мураккаб ва серпаҳлӯ сазовори эътироф ва пазироист.

Муаллиф аз як ҷониб ба афзоиши хавфу хатари экстремизми иттилоотӣ таъкид варзида, аз ҷониби дигар бинобар рушд ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ногузир будани ин равандро дар асоси далелҳои раднопазир исбот месозад. Аз ҷумла, қайд менамояд, ки айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз чор миллион истифодабарндагони интернет мавҷуд аст, ки бинобар хеле мураккаб будани табиати экстремизми иттилоотӣ ва бо таври пурра назоратнашаванда будани фазои иттилоотӣ, бархе аз наврасон ва ҷавонон ба таври ногузир зери таъсири идеологияи экстремистӣ қарор мегиранд. Бинобар ин, муҳаққиқ дар асоси андешаҳои муқтадири илмӣ, талаботи бунёдии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба криминализатсия кардани кирдори ҷиноятӣ ва тафриқакунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ пешниҳод менамояд, ки вобаста ба шахсияти ҳуқуқвайронакунандагон ва дараҷаи хавфнокии кирдорҳои

онҳо маҳаки муайян кардани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои кирдорҳои хусусияти экстремистидошта, дар доираи қонунгузории амалкунада бояд бо таври мушаххас муайян карда шаванд. Инчунин, дар доираи талаботи моддаи 11(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипи адолат (м.8 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар моддаҳои 189, 307, 307(1), 307(3) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозбинӣ ва мукаммал карда шаванд.

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои узви ИДМ муаллиф тавонистааст, ки ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии қонунгузории зиддиэкстремистии ватаниро муайян созад, ки барои мукаммал гардонидани таркиби моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории давлатҳои узви ИДМ хеле манфиатпазиранд.

Пажуҳиши муҳаққиқ ба талаботи консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии он созгор буда, ба равиши муосири илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти муқовимат ба экстремизм дар партави лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Нуктаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия ва хулосаҳои коркардшуда дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, ҷиҳати такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ аҳаммияти муҳим доранд. Аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ онҳо мусбӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Он мақсад ва вазифаҳое, ки ба зиммаи муаллиф гузошта шудаанд, ба таври комил иҷро гардидаанд. Автореферат ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, дорои унсурҳои зарурӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар баробари ҷанбаҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ бархе аз камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Масалан, муҳаққиқ чӣ тавре ки аз таҳлили автореферат бармеояд, дар зербоби сеюми боби якуми рисолаи илмӣ бо таври муфассал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои узви ИДМ анҷом дода, хусусиятҳои умумии қонунгузории зиддиэкстремистии давлатҳои аъзои ИДМ ва баъзе вижагиҳои ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ хеле собитқадамона муайян карда шудаанд, аммо пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати истифодаи меъёрҳои нисбатан бартариятдоштаи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур нагардидаанд.

Албатта, эроди иброзгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмуну моҳияти рисоларо коста намегардонад ва барои шунидани мавқеи муаллиф дар ҳимояи ошкорои рисолаи диссертасионӣ мусоидат менамояд.

Мазмуну мундариҷаи автореферат собит месозанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои низоми мукаммали дохилӣ, усулҳои асосноки илмӣ, таҷрибаи зарурии судиву тафтишотӣ, мутаносибан дорои аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Мустақилияи эҷодии муаллиф хуб эҳсос гардида, пешниҳод ва хулосаҳои он ба рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Автореферати диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ арзёбӣ мешавад.

Муқарриз:
мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

«12» ____02____ 2025

Суроғаи муқарриз: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.:
+992 (37) 221-03-28; (+992) 93-510-77-11
E.mail: bobojonjv_i@mail.ru; www ifppanrt.tj